**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Парвоева Нурчаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ), ки барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Диссертатсияи Парвоева Нурчаҳон Зармастовна дар се самти забоншиносӣ – забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии қавмӣ ва забоншиносии муқоисавӣ таълиф ёфтааст, ки пажӯҳиши чадид ва бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Бояд зикр намуд, ки забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва забоншиносии фарҳангӣ (лингвокултурология) самтҳои мустақиле дар забоншиносӣ мебошанд, ки чанбаҳои фарҳангии забонро фарогир мебошанд. Аз ин рӯ, дар робита ба самтҳои мазкур муқоиса намудани хусусиятҳои забонӣ хеле арзишманд ва муҳим маҳсуб меёбад.

Таҳқиқи хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои точикони вахонизабон дар муқоиса бо забони англисӣ, ки бори нахуст ба таври системавӣ дар кори илмии Парвоева Н.З. ба анчом расидааст, дорои аҳамияти хосае мебошад. Аз як тараф, агар мавзуъ дар доираи забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ таҳлил шуда бошад, аз тарафи дигар, паҳлуҳои муқоисавии мавзуъ ҳаллу фасл шудаанд. Аз ин рӯ, мавзуи таҳлилшуда барои ҳалли мушкилоти ҳам забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ ва ҳам забоншиносии муқоисавӣ дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир дар илми забоншиносии точик як идда корҳои омӯзишиву пажӯҳишии судманд дар муқоисаи зарбулмасалу мақолҳо ба анчом расидаанд. Аз чумла, корҳои илмии муҳаққиқон М. Фозилов, Я.И. Калонтаров, Ф.М. Турсунов, О.Ш. Иқболов, Ш.А. Норов, Юнусӣ Аҳтамшо ва С. Алихонова ба нашр расидаанд, ки барои мутахассисони соҳаҳои мухталифи илми забоншиносӣ дастрас ва раҳнамо мебошад.

Бо вучуди ин, дар илми забоншиносии точик бобати омӯзишу таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳо дар соири забонҳои шарқии эронии Точикистон, аз чумла дар забони вахонӣ «саҳифаҳои холӣ» хеле зиёд мебошанд ва мавзуе, ки диссертант Парвоева Н.З. зери таҳқиқ қарор дода, ба яке аз масъалаҳои мавриди ниёзи забоншиносии точик бахшида шудааст, ҳамачиҳата чолиби диққат ва қобили дастгирист.

Муаллиф ба маврид зикр менамояд, ки «аксарияти масъалаҳои асосии омӯзиши забонии зарбулмасалу мақолҳо ба пажӯҳиши амике ниёз

доранд. Хусусан, дар мавриди муқоиса намудани онҳо аз нигоҳи этнолингвистӣ ва забоншиносии фарҳангӣ зарурати таҳқиқоти илмӣ эҳсос мешавад» (саҳ. 6). Воқеан, дар забоншиносии тоҷик ин масъала хеле кам омӯхта шудааст.

Унвонҷӯ дар назди худ вазифа гузоштааст, ки ба таври амиқ таҳқиқу таҳлили лингвистии зарбулмасалу мақолро дар муҳити муқоисаи забонҳо нишон диҳад.

Маводи диссертатсияро дар таҳияву таълифи дастуру васоити таълимӣ, дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва дар дарсҳо ва семинарҳои махсус метавон истифода намуд. Инчунин, маводи диссертатсия дар рафти таълими забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии қавмӣ ва муқоисавию типологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар истифода хоҳад гардид.

Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур барои ҳаллу фасл намудани мушкилоти мавҷудаи забоншиносии муосир ва барои беҳтар гардонидани сифати таълими забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ ва барномаҳою дастурҳои таълимӣ ҳамчун дастури кумакрасони судманди илмӣ метавонад хидмат намояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар муқаддима доир ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усул ва методҳои таҳқиқ, навоварии илмии диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуъ ва манбаъҳои илмӣ маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия, ки бо унвони «Асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ» номгузорӣ шудааст, аз панҷ бахш таркиб ёфта, дар бораи афкору ақидаҳои забоншиносону фолклоршиносони ҷаҳонӣ ва тоҷик доир ба зарбулмасалу мақолҳо иттилоъ додааст. Пажӯҳишгар дар боби мазкур қайд мекунад, ки «Робитаи зарбулмасалҳо бо фарҳанги миллӣ ва хусусиятҳои хоси онро метавон дар асоси баъзе ҷузъиёти маишат ва расму ойинҳо пайгирӣ кард. Ҳамзамон, хусусиёти маҳалро метавон дар зарбулмасалҳои аз ҷиҳати мазмун ба ҳам монанди фарҳангҳо – ҷомеаҳои забонӣ мушоҳида кард. Таҳлили муқоисавии зарбулмасалҳои забонҳои англисӣ ва вахонӣ имкон медиҳад, ки дар бораи зарбулмасалҳои ифодакунандаи мафкураи ягона ва зарбулмасалҳои ифодакунандаи мафкураи гуногун сухан ронд.» (автореф. саҳ. 23).

Дар боби дигари диссертатсия «Вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» доир ба масъалаҳои маъноӣ, сохторӣ ва мавзуии зарбулмасалу мақолҳо маълумот дода шудааст.

Боби охири диссертатсия ба таҳлилу баррасии «Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» бахшида шудааст. Дар хулосаи диссертатсия муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии таҳқиқотро дар 8 банд ҷамъбаст намудааст.

Унвонҷӯ дар охири дисератсия тавсияҳои мушаххас дар 10 банд ва номгӯи адабиёти илмиву таҳқиқотӣ, сарчашмаҳои мавриди истифода қарордодаро бо тартиби муайян овардааст, ки ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи диссертатсияҳо мувофиқат мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари дастовардҳои муаллифи диссертатсия, ки бешубҳа, дар таҳқиқу омӯзиши илми забоншиносӣ саҳми арзандае хоҳад гузошт, ба андешаи мо, дар кори илмӣ баъзе нуқсону камбудиҳое низ роҳ ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо дар оянда барои беҳбудии таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии диссертатсия мусоидат хоҳад кард:

1. Баъзе зарбулмасалу мақолҳое, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия мисол оварда шудаанд, тавзеҳталаб мебошанд. Бинобар ин хуб мешуд, агар муаллифи диссертатсия дар охир чунин зарбулмасалу мақолҳоро дар шакли замима оварда онҳоро шарҳ медод.
2. Муаллифи диссертатсия ба дастовардҳои забоншиносии хориҷӣ доир ба инкишофи забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ таваҷҷуҳи бештар дода, аз муваффақиятҳои забоншиносии тоҷик дар замони муосир дар самти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ чизе иттилоъ надодааст.

Сарфи назар аз мулоҳизоте, ки дар боло зикр гардид, диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардидааст, кори илмии ба анҷом расидаест, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллифи он ба ҳадди кофӣ муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд. Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи хубе ба камол расида, ба дастовардҳои забоншиносии муосир хуб ошност, аз маводи забонӣ хуб истифода

мебарад ва фикру андешаҳои илмии худро бо далелу бурҳон ба таври зарурӣ асосан асоснок карда метавонад. Бинобар ин, ӯ ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ─ доктор аз руйи ихтисоси 6D021300 ─ Забоншиносӣ (6D021302 ─ Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) комилан сазавор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ
директори Институти забон
ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Шарифзода Фарангис

Имзои Ф. Шарифзодаро тасдиқ менамоям.
Нозири кадр Нарзиқулова Ҳилола

734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
тел. 227 29 07
E-mail: iza.rudaki@gmail.com

22.08.22